# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «14» 01 соли 2026 № 53 ш. Душанбе

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2026, №АП-960 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 декабри соли 2025 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд

Бо мақсади иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2026, №АП-960 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 декабри соли 2025 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2026, №АП-960 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 декабри соли 2025 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, ҷиҳати иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.
2. Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми декабри соли 2025 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, тасдиқ кaрда шавад (замима мегардад).
3. Раёсати илм ва инноватсия (А. Раҳмонзода) ва шуъбаи коргузорӣ ва назорати иҷро (А. Ҳаётзода) уҳдадор карда шаванд, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси сардорони раёсат, шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои тобеи он, сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардонида, рафти иҷрои онро таъмин намоянд.
4. Сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои тобеи он, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супорида шавад, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намуда, дар

муҳлати муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илм маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд

5. Сардори раёсати илм ва инноватсия уҳдадор карда шавад, ки аз натиҷаи иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкур тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

6. Директори Матбааи вазорат уҳдадор карда шавад, ки нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба миқдори 200 нусха тибқи талабот чоп намояд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир ва муовинони вазир гузошта шавад.

Асос: амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2026, №АП-960 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми декабри соли 2025 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд.

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини якуми вазир

Муовини вазир

Муовини вазир

Муовини вазир

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Раёсати илм ва инноватсия

Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Замима
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «14» 01 соли 2026, №53

Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми декабри соли 2025
«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Мухлат | Иҷрокунандагон | Масъулон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омӯзиши паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ва амалӣ кардани вазифаҳои дар он зикргардида (банди 1 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 30.01.2026 | Раёсати илм ва инноватсия | Ҳ. Ҳошимзода, А. Раҳмонзода |
| 2. | Ба роҳ мондани омӯзиши ҳамаҷонибаи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои соҳаи маориф | Мунтазам | Раёсатҳои кадрҳо ва корҳои махсус, таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои тобеи вазорат, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, | Ҳ. Ҳошимзода, Р. Каримзода, Л. Абдулхолиқзода, Ш. Саъдуллозода, Ш. Асомиддинзода, Ҳ. Саидзода, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |
| 3. | Ташкили суҳбату гузоришҳо тавассути ВАО роҷеъ ба нуктаҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Мунтазам | Маркази матбуот, раёсат ва шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, муассисаҳои зерсохтори вазорат, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Ҳ. Ҳошимзода, Р. Каримзода, Л. Абдулхолиқзода, Х. Давлатализода, сардорони раёсат ва шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои зерсохтори вазорат, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |
| 4. | Таҳия ва чопи мақолаҳо дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла дар нашрияҳои соҳавӣ роҷеъ ба паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Мунтазам | Маркази матбуот, муассисаҳои тобеи вазорат, нашрияҳои соҳавӣ, муассисаҳои зерсохтори вазорат, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Ҳ. Ҳошимзода, Р. Каримзода, Л. Абдулхолиқзода, Х. Давлатализода, роҳбарони муассисаҳои зерсохтори вазорат, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5. | Бо дарназардошти соли 2025 бо иқдоми Тоҷикистон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани қатъномаҳо доир ба «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ», «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» ва эълон гардидани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ», таҳия намудани нақшаи чорабиниҳои дахлдор ва дар асоси онҳо анҷом додани корҳои амалӣ (банди 3 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, миёнаи умумӣ, илм ва инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, шуъбаҳои низоми ахбороти идоракунии маориф ва илм, таъминоти ҳуқуқӣ, маркази матбуот, муассисаҳои зерсохтори вазорат, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, Р. Каримзода, Б. Музаффарзода, Ҳ. Саидзода, Ш. Асомиддинзода, А. Раҳмонзода, С. Сироҷзода, А. Хоҷазода, Н. Убайдуллозода, А. Ҷӯразода, Х. Давлатализода, роҳбарони муассисаҳои зерсохтори вазорат, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |
| 6. | Андешидани тадбирҳои мушаххаси амалӣ ҷиҳати истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил додани он, чораҷӯйӣ намудан барои таъмин намудани заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ (банди 7 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Шуъбаи низоми ахбороти идоракунии маориф ва илм, маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Н. Убайдуллозода, К. Муҳаммадраҷабзода ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 7. | Мавриди омӯзиш қарор додани талаботи бозори меҳнат дар самти иқтисоди рақамӣ ва андешидани чораҳои амалӣ ҷиҳати зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳои соҳа (банди 10 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, шуъбаҳои низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм, сифати таҳсилот, маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Л. Абдулхолиқзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>А. Хоҷазода,<br>Н. Убайдуллозода,<br>А. Холиқзода,<br>К. Муҳаммадраҷабзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 8. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати тақвият бахшидани корҳо дар самти зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи инфрасохтори пардохт (банди 11 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, шуъбаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, аудити дохилӣ, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Хоҷазода,<br>Х. Ҳусайнзода,<br>З. Холмирзозода,<br>У. Ҳасанзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ,<br>сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |
| 9. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати рушди соҳаи маориф ва дар доираи имкониятҳои буҷети давлатӣ марҳала ба марҳала зиёд | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, иқтисод, | Р. Каримзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>Ш. Асомиддинзода, |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | намудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур (банди 45 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ | Ҳ. Саидзода,<br>А. Хоҷазода,<br>Х. Ҳусайнзода |
| 10. | Бо мақсади таъмин намудани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ, бозбинӣ кардани низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, яъне гузариш ба низоми сарикасӣ ё фармоиши давлатӣ ва аз натиҷааш манзур намудани пешниҳодҳои мушаххас ба Ҳукумати мамлакат (банди 46 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | То 1-уми марти соли 2026 | Раёсатҳои иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Б. Музаффарзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Хоҷазода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 11. | Роҳандозии тадбирҳои доимӣ ҷиҳати харчи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилот, яъне омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим (банди 47 Наҳшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам<br>бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, сохтмони асосии назди вазорат, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академии таҳсилоти Тоҷикистон, маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Р. Каримзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>Ш. Асомиддинзода,<br>Б. Файзуллозода,<br>Ш. Сафаров,<br>С. Ниёзӣ,<br>Ш. Каримзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 12. | Анҷом додани тадбирҳои амалӣ ҷиҳати мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор додани вазъи амалишавии Стратегияи миллии | Соли 2026<br>бо пешниҳоди | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, Маркази | Б. Музаффарзода,<br>А. Хоҷазода,<br>Д. Ализода |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | рушди маориф барои давраи то соли 2030 ва тибқи ҳадафҳои нави гузошташуда такмил додани он (банди 48 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | ҳисобот ҳар нимсола | таҳлил ва ҳамоҳангсозии назди вазорат | |
| 13. | Андешидани чораҳои мушаххас ҷиҳати таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои шашсолаи татбиқи чорабиниҳои солҳои 2020-2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълонгардида ва анҷом додани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиву монеаҳои дар ин самт ҷойдошта (банди 49 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | То 1-уми марти соли 2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази таҳлил ва ҳамоҳангсозии назди вазорат | Р. Каримзода,<br>Ш. Асомиддинзода,<br>Д. Ализода |
| 14. | Бо таъсиси гурӯҳи кории коршиносон мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор додани низоми ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ воридшудаи маорифи Тоҷикистон ва ба низоми кредитии таҳсилот гузаштаи муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат, пурра аз байн бурдани омилҳои инсонӣ зимни супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатм ва доир ба ин масъала дар муҳлати ду моҳ пешниҳод намудани маълумоти муфассал ба Ҳукумати мамлакат (банди 50 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | То 1-уми марти соли 2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Л. Абдулхолиқзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15. | Бо таъсиси гурӯҳи босалоҳияти корӣ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор додани вазъи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус русӣ ва англисӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва ҷиҳати боз ҳам тезонидану самарабахш гардонидани ин раванд манзур намудани хулосаҳои асоснок ба Ҳукумати мамлакат (банди 51 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Семоҳаи якуми соли 2026 | Раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Р. Каримзода, Л. Абдулхоликзода, Ш. Асомиддинзода, Қ. Муҳиддинзода, Ҳ. Саидзода |
| 16. | Равона намудани таваҷҷуҳи тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа ба масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон, таълиму тарбия намудани насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ (банди 52 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Р. Каримзода, Л. Абдулхоликзода, Ш. Асомиддинзода, Қ. Муҳиддинзода, Ҳ. Саидзода, Ҷ. Бобоҷон, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |
| 17. | Бо дарназардошти аз ҷониби Ҳукумат бо забони ноби давлатӣ чоп ва ба ҳар як оила тариқи ройгон дастрас гардидани китобҳои «Қуръон»-и маҷид, «Тоҷикон» ва «Шоҳнома», ҷалб намудани аҳли ҷомеа ба хондани онҳо, ба ин васила гирифтани илму дониш, бохабар гаштан аз таъриху фарҳанг ва асли дину ойини худ (банди 53 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академии таҳсилоти Тоҷикистон, | Ҳ. Ҳошимзода, Р. Каримзода, Л. Абдулхоликзода, Ш. Асомиддинзода, Ҳ. Саидзода, А. Раҳмонзода, Ш. Сафаров, С. Ниёзӣ, Х. Давлатализода, |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | маркази матбуот, маҷаллаҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | сармуҳаррирони маҷаллаҳои соҳавӣ, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |
| 18. | Бо дарназардошти бо пешниҳоди Тоҷикистон ва тибқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид соли 2025 эълон гардидани «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва солҳои 2025-2034 эълон гардидани «Даҳсолаи илмҳои криосфера», густариш додани фаъолияти илмӣ ва амалии ҳамаи сохторҳои дахлдор дар ин самт ва ба таври васеъ муаррифӣ намудани дастовардҳои онҳо дар арсаи байналмилалӣ (банди 54 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар нимсола | Раёсатҳои илм ва инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, С. Сироҷзода, Ҳ. Саидзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 19. | Бо дарназардошти аҳаммияти стратегӣ ва ҷаҳонӣ доштани мавзуи ҳифзи пиряххо, омӯзиши илмҳои криосфера ва амалисозии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим, таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намудани лоиҳаи санади ҳуқуқии меъёрии дахлдор дар хусуси ба Муассисаи давлатии илмиву таҳқиқотии «Институти омӯзиши пиряххо ва криосфераи Академияи миллии илмҳо» табдил додани Муассисаи давлатии илмиву таҳқиқотии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи | То 1-уми феврали соли 2026 | Раёсати илм ва инноватсия | Ҳ. Ҳошимзода, А. Раҳмонзода |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | миллии илмҳо» (банди 55 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | | |
| 20. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати ҳифзу нигоҳдорӣ, соҳибӣ кардан, омӯхтан, идома додан ва ба наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз ба мерос гузоштани мероси оламшумули аҷдодон, забону фарҳанг, илму ҳунар, ойину суннатҳои бою рангоранги башардӯстона, аз ҷумла Наврӯзи байналмилалӣ, Меҳргон, Сада, Тиргон, анъанаҳои пешрафтаи давлатдорӣ, яъне тамаддуну фарҳанги ҷовидона, ҳамчун арзиши бузурги инсондӯстона шиори зиндагии худ қарор додани «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» (банди 62 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академии таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Р. Каримзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Ш. Асомиддинзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ш. Сафаров,<br>С. Ниёзӣ,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 21. | Бо мақсади гиромидошти таърихи фарҳанг ва мероси оламшумули миллати тоҷик, таҳияи лоиҳа ва бо санъати баланди меъморию шаҳрсозӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар пойтахти кишвар-шаҳри Душанбе бунёд намудани Конун, яъне Маркази тамаддуни ориёӣ (банди 63 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 22. | 25 фоиз зиёд кардани маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ (банди 71 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Аз 1-уми сентябри соли 2026 (пешниҳоди санади дахлдор то 1-уми феврали соли 2026) | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Б. Музаффарзода, А. Хоҷазода |
| 23. | 20 фоиз зиёд кардани маоши вазифавии кормандони муассисаҳои дигари соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин стипендияҳо (банди 72 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Аз 1-уми сентябри соли 2026 (пешниҳоди санади дахлдор то 1-уми феврали соли 2026) | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Б. Музаффарзода, А. Хоҷазода |
| 24. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати дастгирии ҷавонон, арзёбии сиёсати давлатии кор бо ҷавонон ҳамчун самти калидӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат, амалигардонии самараноки он, боло бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии ҷавонон, таъмини иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар, кори тамоми соҳаҳо, саҳмгузории онҳо дар пешрафти иқтисоди миллӣ, тараққиёти давлат ва ободии Ватани маҳбуб, фароҳам овардани шароиту имкониятҳои боз ҳам беҳтари таҳсил ва кору фаъолият ба кӯдакон ва наврасону | Мунтазам бо пешниҳоди ҳисобот ҳар семоҳа | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Л. Абдулхоликзода, Р. Каримзода, Ҳ. Саидзода, Ш. Асомиддинзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҷавонони кишвар (банди 76 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | | |
| 25. | Роҳандозии тадбирҳо ҷиҳати дастгирии ҳамешагии занон, баланд бардоштани мақом ва нақши онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа, тарбия кардану ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин намудани бонувону духтарони лаёқатманд, дар оянда идома додани ин сиёсат, саҳм гузоштани занону бонувон дар тарбияи фарзандон, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, риоя ва иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои мардуми бостонии тоҷик, аз ҷумла сарфаю сариштакорӣ, риояи фарҳанги либоспӯшӣ, муқовимат намудан ба бегонапарастиву хурофот ва исрофкориву зиёдаравӣ (банди 77 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам<br>бо пешниҳоди ҳисобот<br>ҳар семоҳа | Раёсатҳои кадрҳо ва корҳои махсус, ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, шурои кор бо занон ва духтарон, иттифоқи касабаи кормандони дастгоҳи марказии вазорат, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Ш. Саъдуллозода,<br>Ҷ. Бобоҷон,<br>Ҳ. Саидзода,<br>Д. Алихонзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 26. | Бо мақсади истиқболи арзандаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъат додани корҳои ободонию созандагӣ дар кишвар, аз ҷониби ҳар як шаҳрванд ва ҳар як оила бо дарки масъулияти ватансозиву давлатсозӣ таъмиру тармим ва тозаву озода намудани хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зист, фаро гирифтани ин раванд дар тамоми қаламрави кишвар то дурдасттарин деҳот ва ба як кори маъмулӣ | Мунтазам<br>бо пешниҳоди ҳисобот<br>ҳар семоҳа | Раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия, кадрҳо ва корҳои махсус, иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, сохтмони асосӣ назди вазорат, маркази матбуот, муассисаҳои зерсохтори | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Р. Каримзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>Ш. Асомиддинзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ш. Саъдуллозода,<br>А. Хоҷазода,<br>Б. Файзуллозода, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | табдил додани он, дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабиниҳои ҷашнӣ, боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани маҳбуб ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ (банди 82 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | вазорат, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Х. Давлатализода, роҳбарони муассисаҳои зерсохтори вазорат, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо |
| 27. | Таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон намудани соли 2026 ва лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои он (банди 83 Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | То 1-уми феврали соли 2026 | Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ | Б. Музаффарзода, М. Тоҳирзода |

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ... ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Эзоҳ: -иҷрокунандагони якум дар таъмини иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои мазкур масъули асосӣ буда, аз дигар иҷрокунандагон маълумоти заруриро ҷамъоварӣ намуда, ба раёсати илм ва инноватсия пешниҳод менамоянд;

-дар сурати сари вақт пешниҳод нагардидани маълумотнома чораҳои зарурӣ андешида мешавад.